Замимаи 31

Бо фармоиши
Сардори Хадамоти назорати
давлатӣ дар соҳаи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
аз «15» « 10» соли 2020, №25
тасдиқ карда шудааст.

Дастурамали
мансабии муовини сардори раёсати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб-муовини сардори раёсати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаби категорияи дуюм мансуб аст.

3. Муовини сардори раёсати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд (минбаъд –муовини сардори раёсат) аз ҷониби Сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (минбаъд Сардори Хадамот) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсат ва Сардори Хадамот тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Ҳангоми муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат ба муовини сардори раёсат 2 нафар сармутахассис, 2 нафар мутахассиси пешбар ва мутахассиси раёсати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

6. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани муовини сардори раёсат иҷрои ӯҳдадории мансабии ӯ ба зиммаи сармутахассиси 1-и раёсат вогузор карда мешавад.

7. Муовини сардори раёсат бо роҳбарон ва кормандони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (минбаъд-Хадамот), Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои он, дигар мақомоти давлатии дахлдори шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботи тахассусӣ

8.Барои ишғолкунандаи мансаби муовини сардори раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад (ба таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ бартарӣ дода мешавад);

-2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мудири бахшро ба танзим медароранд;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

## 3. Ӯҳдадориҳои мансабии муовини сардори раёсат

9. Тибқи супориши сардори раёсат назорати фаъолияти раёсатро анҷом медиҳад.

10. Интизоми иҷроияро дар раёсат назорат менамояд.

11. Маводҳои воридгардидаро дар асоси дастури сардори раёсат ба кормандони раёсат барои иҷро месупорад, рафти иҷрои онҳоро ташкил ва назорат менамояд.

12. Ба кормандони раёсат дар доираи ваколатҳои раёсат супоришҳо медиҳад, иҷрои саривақтии онҳоро назорат менамояд.

13. Нақшаи кори раёсатро таҳия, ба сардори раёсат мувофиқа ва барои тасдиқ ба сардори Хадамот пешниҳод намуда, иҷрои онро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

14. Дар асоси дастури сардори раёсат иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

15. Муовини сардори раёсат оид ба натиҷаҳои фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи раёсат ва ҳангоми баҳогузории фаъолияти худ дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд, ҳангоми муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат ҷаласаҳои ҷамъбасти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи фаъолияти раёсат, дигар ҷаласаҳои машваратӣ ва чорабиниҳои ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро ташкил мекунад ва мегузаронад.

16. Муовини сардори раёсат вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- мусоидат ба риояи қонунгузории меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;

- мусоидат ба таъмини имтиёз ва пардохтҳо барои кормандоне, ки дар шароити дорои таъсири омилҳои хатарнок ва зараровар кор мекунанд;

- мусоидат ба рушди шарикии иҷтимоӣ байни иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ;

- мусоидат ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии корфармо ва кормандон оид ба қонунгузории меҳнат, ҳифз ва шароити меҳнат, муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ), экологӣ ва шуғли аҳолӣ;

- мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ташкили бозори меҳнат, ҷойҳои кории нав ва нигоҳдории ҷойҳои кории амалкунанда;

- мусоидат ба танзими ҳуқуқӣ ва иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ;

- мусоидат ба самаранокии музокироти коллективӣ, фаъолияти комиссияҳои созиш, миёнаравӣ ва арбитражҳои меҳнатӣ;

- амалӣ кардани назорати давлатӣ ва санҷиши риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат;

- мусоидат ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии қарздории музди меҳнат (дар ташкилотҳои буҷетӣ) ва шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ), ба шумули меҳнати кӯдакон, маъюбон ва занон;

- мусоидат ба идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат дар самти ташкил ва сертификатсияи корҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо, ташхиси давлатии шароити меҳнат дар ташкилотҳои амалкунанда ва навтаъсис;

- мусоидат ба тайёрии ҳатмии махсус ва касбу кор оид ба ҳифзи меҳнат;

- таъмини тадбирҳои мутобиқати иншооти истеҳсоли, таҷҳизот, равандҳои технологӣ ва маҳсулот ба талаботи ҳифзи меҳнат;

- мусоидат ба ошкор, тафтиш, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои нохӯш дар истеҳсолот;

- мусоидат ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ, меҳнати маҷбурӣ, аз ҷумла шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон;

- мусоидат ба танзими ҳуқуқии фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони хориҷӣ дар субъектҳои хоҷагидор дар вилояти Суғд;

- дигар вазифаҳое, ки ба рушди соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мусоидат менамоянд.

17. Муовин сардори раёсат тибқи тартиботи муқарраргардида назорату санҷишҳои давлатиро дар самтҳои зерин анҷом медиҳад:

- риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи меҳнат, ҳифз ва шароити меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;

- иҷрои ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва риояи шароити бехатарии меҳнат, инчунин ҳифзи кормандон аз амалҳои ғайриқонунии корфармоён, шахсони мансабдор ва шахсони дигари масъули ташкилотҳо;

- дуруст ва сари вақт пардохт намудани музди меҳнат ва дигар пардохтҳое, ки аз ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон бармеоянд;

- истифодаи дурусти рӯйхати истеҳсолот, касбу корҳо, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳо;

- иҷрои чорабиниҳои ҳифз ва бехатарии меҳнат, пешниҳоди имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳои муқарраршуда, либос ва пойафзоли махсуси корӣ, воситаҳои муҳофизати фардӣ - гигиенӣ, шир ва ҷизои профилактикӣ ба кормандоне, ки дар корҳои вазнин, зараровар, хавфнок ва дорои шароити номусоиди меҳнат фаъолият доранд;

- дурустии таъин ва пардохти ҷуброни зараре, ки ба саломатии кормандон ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ расонида шудааст;

- аз тарафи ташкилот, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ риоя гардидани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва ҷорӣ намудани воситаҳои муосири ҳифзи меҳнат, ки ҷароҳатбардориҳои истеҳсолӣ ва ба бемориҳои касбӣ гирифторшавиро пешгирӣ менамоянд;

- аз ҷониби тарафҳо иҷро гардидани ӯҳдадориҳо аз рӯи созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида гузаронидани аттестатсияи ҷойҳои корӣ оид ба шароити меҳнат дар ташкилотҳо;

- риояи қонунгузории меҳнат дар истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон;

- воқеияти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва барҳамдиҳии ҷойҳои кори амалкунанда;

- бо кор таъмин намудани шаҳрвандон, бахусус занон ва ҷавонон;

- дар доираи квотаи муқарраргардида бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта, ки дар бозори меҳнат ба рақобат тобовар нестанд;

- риояи тартиби пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби корфармоён ба мақомоти ваколатдор;

- риояи тартиби ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб намудани шаҳрвандони бекор;

- риояи тартиби расонидани хизматҳои машваратӣ ва дастгирии ташаббуси фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ;

- риояи тартиби баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод;

- риояи раванди муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф;

- риояи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии (ихтиёрии) аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобида дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;

- риояи ҳуқуқҳои меҳнатии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;

- истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва барҳам додани шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар бозори меҳнат;

- риояи талабот оид ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои корманд ҷиҳати таъмини суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ, инчунин тартиби муқаррар намудан, ҷудо ва пардохт кардани кумакпулиҳо дар вақти корношоямии муваққатӣ аз ҳисоби маблағҳои корфармо;

- риояи талабот оид ба дараҷаи аз даст додани қобилияти корӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ҳангоми ба кор қабул кардани кормандон;

- риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат дар самти тайёрии ҳатмии махсус ва касбӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат;

- тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон ва муҳоҷирони меҳнатҳ дар вилояти Суғд;

-дар дигар самтҳое, ки ба масъалаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ иртибот доранд.

18. Пас аз анҷоми санҷишҳои нақшавӣ, ғайринақшавӣ, иловагӣ ва такрорӣ тибқи тартиботи муқарраргардида омода намудан ва ба имзо расонидани санади санҷишӣ ва аз натиҷаи он омода ва пешниҳод намудани лоиҳаи амрномаи раёсат, инчунин ҳангоми зарурат ба расмият даровардани парвандаҳои маъмурӣ нисбат ба шахсони масъул. Баъд аз қувваи қонунӣ пайдо намудани амрномаи раёсат таъмини иҷрои он ва дар сурати иҷро нагардидани амрномаи раёсат тибқи тартиби муқарраргардида андешидани чораҳои қонунӣ.

19. Дар таҳияи дастурамалҳои мансабии кормандони раёсат бо сардори раёсат ҳамкорӣ намуда, таклиф пешниҳод менамояд.

20. Тибқи супориши сардори раёсат лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро мустақилона ё якҷоя бо дигар кормандони раёсат таҳия менамояд.

21. Дар асоси дастури сардори раёсат лоиҳаи санадҳои меъёри ҳуқуқиро, ки аз тарафи мақомоти дигари давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё якҷоя бо дигар кормандони раёсат баррасӣ намуда, хулосаи раёсатро омода мекунад.

22. Оид ба фаъолияти раёсат ва самтҳои муқарраргардидаи фаъолият дар мухлатҳои муқарраргардида ба сардори раёсат ва Сардори Хадамот ҳисобот ва гузориши таҳлилӣ пешниҳод менамояд.

23. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ баррасӣ намуда, хулоса омода ва пешниҳод менамояд.

24.Ҳангоми муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи мутахассисонро қабул намуда, нақшаи кории умумӣ, самтӣ ва санҷишии хизматчии давлатиро тартиб дода, бо гузоштани баҳо варақаи баҳогузории фаъолияти хизматчии давлатиро хонапурӣ карда, ба Сардори Хадамот пешниҳод менамояд.

25. Дар мувофиқа бо сардори раёсат дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Хадамот иштирок менамояд.

26. Шаҳрвандонро қабул намуда, мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамояд.

27. Фаъолияти ҳамоҳангсозиро бо мақомотҳои зерин ба роҳ мемонад:

- раёсату шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;
- иттифоқҳои касабаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;
-мақомоти омори шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;
-сохторҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;
- мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ваколатдори дахлдори назоратӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;
-дигар мақомоти дахлдор.

28. Дар давраи ҳозир набудани сардори раёсат вобаста ба баҳогузории фаъолияти мутахассисони раёсат ба Сардори Хадамот ҳисобот ва гузориш пешниҳод менамояд.

29. Ҷиҳати пешгирии коррупсия тадбирҳои зерин меандешад:

-ба фаъолияти кормандони раёсат барои пешгирӣ ва содир накардани амалҳои коррупсионӣ назорат менамояд;
-татбиқи меъёрҳои рафтори хизматчиёни давлатиро, ки бо Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, таъмин менамояд;
-бо комиссия оид ба одоби Хадамот ҳамкорӣ мекунад ва ҷиҳати таҳияи меъёрҳои одоби хизматчиёни давлатӣ пешниҳод манзур менамояд;
-оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар раёсат ва Хадамот таклиф пешниҳод менамояд;
-дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба сардори раёсат, роҳбарияти Хадамот ва/ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва ҳамкорӣ менамояд.

30. Дар мувофиқа бо сардори раёсат дар тарғиби масъалаҳо оид ба меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аз тариқи воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ иштирок мекунад.

31. Ҳамкории раёсатро бо масъули кори сомонаи Хадамот ташкил намуда, иникоси фаъолияти раёсат ва дигар масъалаҳои дахлдорро дар сомонаи Хадамот тибқи тартиби муқарраргардида таъмин менамояд.

32. Дигар супоришҳои сардори раёсат, Сардор ва муовини Сардори Хадамотро иҷро менамояд.

**4. Ҳуқуқҳои муовини сардори раёсат**

33. Муовини сардори раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

- бо тартиби муқарраргардида иҷрои масъалаҳои таҳти назорати раёсат қарордоштаро аз мақомоти дахлдор ва ё шахсони мансабдор дархост намояд;

- барои бартараф намудани камбудиҳои фаъолияти раёсат ва татбиқи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ таклиф пешниҳод намояд;

- барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;

- дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, ташкил ва баргузор намояд;

- барои мукаммал намудани самти кор дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти раёсат ба сардори раёсат ва Сардори Хадамот таклиф пешниҳод намояд;

- дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ таклиф пешниҳод намояд;

- дар бораи ҳавасмандгардонии кормандони раёсат, ки ба дастовардҳои меҳнатӣ ноил гаштаанд, ба сардори раёсат ва Сардори Хадамот таклиф пешниҳод намояд;

- дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони раёсат ба сардори раёсат ва Сардори Хадамот таклиф пешниҳод намояд.

34. Муовини сардори раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти муовини сардори раёсат

35. Муовини сардори раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои раёсат ва уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар Дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

-барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

36. Муовини сардори раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои мансабӣ вобаста кардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**6. Муқаррароти хотимавӣ**

37. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар бахши кадрҳо ва корҳои махсус нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он  аз тарафи шахси мутасаддии кадрӣ ба муовини садори раёсат бо гирифтани имзо, сабти насаб, ном, номи падар ва таърихи рӯз дар китоби бақайдгирии  дастурамали мансабӣ супорида мешавад.

38. Ҳангоми таҷдид ё тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ва ё дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани дастурамали мансабии муовини сардори раёсат мегарданд, дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.